**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи илмии Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна дар мавзуи “Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон

Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна дар мавзуи “Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – назарияи забон пешниҳод шудааст, ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносӣ – таҳқиқи масъалаҳои назариявии наҳви забони тоҷикӣ ва вижагиҳои он дар асоси маводи романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ихтисос дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** бар он асос меёбад, ки дар даврони навин бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ дар қатори дигар соҳаҳо илми тоҷик низ шакли дигареро ба худ касб намуд. Масъалаҳои баррасишавандаи илми тоҷик, аз ҷумла забоншиносӣ бо назардошти самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва манофеи миллӣ бо мақсади шинохт ва густариши забони адабии тоҷик, ки таъриху тамаддуни тулонӣ дорад, дар иртибот ба ин авомил бо дарки масъулияти амиқ дар меҳвари асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуд.

Инкишофи дохилии ҳар як забон ба хусусияти хоси грамматикӣ ва фонди луғавии он, ки бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, вобаста аст. Насри тоҷик, ки реша ва умқи куҳан дорад, тавонист дар масири таърих асолати забони тоҷикиро дар худ ҳифз намояд. Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ омӯзишу баррасии масъалаҳои ҷудогонаи наҳв бар мабнои осори адибони тоҷик яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар риштаи забоншиносӣ ба шумор меравад ва мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур низ ба ҳамин нукта равона гардидааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян ва мушаххас намудани ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон ва вижагиҳои он дар романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода мебошад, ки дар ин таҳқиқот ҳаллу фасли худро ёфтааст.

Дар бахши объекти таҳқиқот мавқеи ҷумла дар забони тоҷикӣ тарҳрезӣ гардида, ин масъала низ аз ҷониби муҳаққиқ дуруст банду баст гардидааст.

Муҳаққиқ нуктаҳои муҳимми дар натиҷаи ковишҳои дуру дароз бадастомадаи худро дар шакли муъҷаз дар ҳафт банд пешниҳод намудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Юсупова Б.Ғ. аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 182 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар рисола 5 нақша ва 2 диаграмма оид ба мавзуъ оварда шудааст.

Дар муқаддимаи рисола дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, аҳаммияти назарию амалӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ дар баррасии мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми рисола мушаххас баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Воҳидҳои наҳвӣ дар забон» ихтисос дошта, фарогири 5 зербоб буда, дар он аз бобати вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода ва ҷумлаҳои мураккаб сухан рафтааст.

Боби дуюми диссертатсия ““Вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаи романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода” унвон дошта, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода баррасӣ гардида, аз се зербоб таркиб ёфтааст.

Боби сеюми диссертатсия “Навъҳои ҷумлаҳои мураккаб ва вижагиҳои он дар романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода” номгузорӣ гардида, фарогири 3 фасл аст. Дар ин боб хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаб мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ 7 мақола, аз ҷумла, 7 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА - назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда, ки ба муҳтавои рисола мувофиқат мекунанд.

Фишурда ба талаботи таҳияи кори илмӣ мувофиқ буда, кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, ҷанбаи илмии назариявию амалии комил дорад. Дар автореферат дар баробари муваффақиятҳо камбудҳо низ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо дар беҳтар гардидани ҳусну қубҳи мазмуни автореферати рисола кӯмак мекунад:

1. Беҳтар мебуд, агар мақсади таҳқиқот каме васеътар шарҳ дода мешуд;

2. Дар банди дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсиони ва дигар қисматҳое, ки зикри номи

муҳаққиқон соҳа меравад, бо нишон додани соли нашри осори онҳо дар қавсан ба манфиати кор мебошад;

3. Дар афтореферат камбудиҳои техникӣ низ во мехурад, ки ислоҳи онҳо дар кбеҳтар гардидани мазмуну муҳтавои автореферат мусоидати амиқ хоҳад кард.

Ислоҳи камбудҳои номбурда, ба манфиати кор буда, ба инобат гирифтани онҳо қимати илмии рисоларо боло мебаранд. Автореферати рисолаи Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна дар мавзуи "Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода) ба талаботи таҳияи автореферат, ки муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи рисолаҳои номзадӣ талаб мекунад, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор мебошад.

Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдусамазода Эраҷ Абдусамад

Имзои Абдусамазода Э.А.-ро
тасдиқ мекунам, сардори РККМ
Донишгоҳи давлатии Кӯло ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: +(992) 918-13-99-68
E-mail: erajion-1988@mail.ru